## Хулосаи

комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015 дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146, www.tajagroun.tj) доир ба қабули диссертатсияи **Парвизи Ҳотам** дар мавзӯи «Баҳодиҳии зарфияти агроландшафти заминҳои обёрии водии Данғара бо истифодаи технологияи системаи геоиттилоотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D081000 - мелиоратсия, барқарорсозӣ ва ҳифзи заминҳо

Дар асоси супориши Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-015 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур протоколи №7 аз 08 октябри соли 2021 комиссия дар ҳайати д.и.т., профессор Икромов И.И. (раис), д.и.к., профессор Сардоров М.Н. (аъзо) ва н.и.т. Мирзоев М.М. (аъзо) рисолаи илмӣ, автореферат, маводҳои ибтидоӣ ва мақолаҳои илмии докторант (PhD) - Парвизи Ҳотамро аз назар гузаронида, ба чунин хулоса омад:

### Асосноккунии қабули рисола ба ҳимоя

**Муҳимияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93 % ҳудуди онро кӯҳсор ишғол менамояд, истифодабарии самараноки замин, барои зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, аҳамияти муҳим дорад. Таҳлилҳои оморӣ нишон медиҳад, ки масоҳати хоси обёрӣ ба ҳар нафар шаҳрванди ҷумҳурӣ дар давраи солҳои 2000 – 2019, бинобар сол ба сол афзудани теъдоди аҳолӣ ва нокифоя будани заминҳои нав аз худ карда шаванда, аз 0,17 то ба 0,06 га кам шудааст. Мувофиқи пешгӯиҳои демографӣ теъдоди аҳолии кишвар то соли 2030 ба 13 млн. нафар хоҳад расид. Дар чунин шароит, барои бо маҳсулоти хӯроквории истеҳсоли худӣ таъмин намудани аҳолии кишвар, аҳамияти истифодабарии самараноки заминро боз ҳам бештар менамояд.

Аз ҷиҳати дигар таназзулёбии заминҳои кишоварзӣ сол ба сол афзуда истодааст. Мувофиқи мушоҳидаҳо тақрибан 90% масоҳати умумии заминҳои кишоварзии Тоҷикистон ба эрозияҳои гуногун дучор шудаанд, ки беҳбудии куллиро талаб мекунад. Аз ҷумла фоизнокии масоҳати заминҳои ба эрозия дучоршуда нисбат ба масоҳати умумии заминҳои ҷумҳурӣ, вобаста ба намудашон чунин тақсим шудаанд: эрозияи обӣ – 41 %; дефлятсияи хокҳо – 24 %; эрозияи ҷарӣ ё ҷаришавӣ 1,5 %; дигар намуди эрозияҳо 23,5 %.

Аз ин лиҳоз, дар асоси таҳқиқоти илмӣ дақиқ муайян намудани ҳолати воқеии захираи заминҳои корами обӣ ва беҳтар кардани ҳолати мелиоративии онҳо, андешидани чорабиниҳои зарурии саривақтӣ барои барқарор кардани онҳо вазифаи муҳим ба ҳисоб меравад.

Инчунин аз худ намудани заминҳои бекорхобидаи доманакӯҳӣ, бо назардошти дар оянда обёрӣ кардан ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани онҳо, низ аз

масъалаҳои мубрами рӯз мебошад. Маҳз дар асоси чунин таткиқоти илмӣ ошкор намудани ҳолати имрӯза ва пешгӯйии зарфияти захираи заминҳои корами обии водии Данғара бо истифода аз системаи муосири геоиттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои мубрам ва актуалӣ арзёбӣ мегардад.

**Навгонии илмӣ:**

- баҳодиҳӣ ба зарфияти агроландшафти заминҳои обӣ дар водии Данғара бо истифодаи системаҳои геоиттилоотӣ;
- бори аввал дар объекти таҳқиқоти ташхисӣ спектрии аксҳои кайҳонӣ гузаронида шуда, инчунин бо истифода аз принсипҳои СГИ ҳолат ва самтнокии нишебзаминҳо муайян карда шудааст;
- тартиб додани базаи маълумот ва тарҳрезии харитаҳои рақамии агроландшафти заминҳои обӣ ва пешниҳодот доир ба дурнамои истифодаи онҳо дар водии Данғара;

**Аҳамияти амалӣ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот.** Дар асоси кори таҳқиқотии муаллиф маълумоти ҷамъовардашуда барои беҳтар кардани истифодабарии захираи агрозарфияти заминҳои обӣ ба заминистифодабарандагони водии Данғара мусоидат намуда, ҳолати воқеӣ ва мелиоративии заминҳои кишоварзии онро ошкор менамояд. Тавсияҳои истеҳсолии пешниҳод шуда, ҳамчун дастурамал дар фаъолияти сектори аграрӣ истифода шуда, дар пешрафти соҳаи кишоварзӣ барои зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии баландсифат ва иҷро намудани барномаи давлатии таъмини аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ мусоидат менамояд. Инчунин, дастовардҳои корҳои илмӣ - таҳқиқотии мазкур дар раванди барномарезии давлатӣ доир ба аз худ намудани заминҳои нав, обёрӣ кардани онҳо ва тартиб додани дурнамои истифодаи заминҳои обии водии Данғара ва инчунин дар раванди омӯзиши фанҳои ихтисосҳои мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин, заминсозӣ, геодезия ва геоинформатика истифода карда мешаванд.

**Оиди дар рисола набудани иқтибосҳои маводҳои рӯбардор карда шуда, ки ишораи муаллифӣ надоранд.**

Докторант (PhD) аз натиҷаи тафтиши мавод оиди дар рисола набудани иқтибосҳои маводҳои рӯбардор кардашуда, ки ишораи муаллифӣ надоранд, маълумотнома пешниҳод кардааст. Ин маълумотнома аз тарафи шахси тафтишкунанда Риоева Надежда Гуломалиевна - мутахассиси антиплагиати раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур имзо карда шудааст.

Хулосаи натиҷаҳои асосии диссертатсия ва тавсия оид ба истифодабарии амалии он дар истеҳсолот илман асоснок буда, бо далелҳо тасдиқ карда шудаанд.

1. Диссертатсия мувофиқи талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26

ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст, тахия карда шудааст. Ташхиси аввалияи диссертатсия дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур гузаронида шуда, натиҷаи он дар ҷаласаи васеи кафедраҳои факултети гидромелиоративӣ (суратҷаласаи №1 аз 05.10.2020 с.) ба кори илмӣ хулосаи мусбӣ ва баҳои объективӣ дода шудааст.

2. Кори диссертатсионӣ ба талаботи «Тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Он кори илман асосноки ба итмомрасида ҳисобида шуда, дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавӣ дошта ба шумор меравад.

Асоснок будани натиҷаҳои бадастомада шубҳаовар нестанд. Чунки асри XXI ин асри техника ва технология буда, мақсади кор иборат аз баҳодиҳӣ ба зарфияти агроландшафти заминҳои обёрии водии Данғара бо истифодаи системаи геоиттилоотӣ мебошад, ки барои натиҷабардории он маълумоти навини ГИС технология истифода шудааст. Он минбаъд барои рушди мониторинги соҳаҳои дахлдор кӯмаки амалии худро расонида метавонад.

Тавсияҳои истеҳсолӣ пешниҳод гардидааст, ки онҳо ҳамчун дастурамал дар фаъолияти сектори аграрӣ истифода шуда, дар пешрафти соҳаи кишоварзӣ, барои зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии баландсифат ва иҷро намудани барномаи давлатии таъмини аҳолӣ бо маводи озуқаворӣ мусоидат менамоянд. Инчунин, дастовардҳои корҳои илмӣ - таҳқиқотии мазкур дар раванди барномарезии давлатӣ доир ба аз худ кардани заминҳои нав, обёрӣ кардани онҳо ва тартиб додани дурнамои истифодаи заминҳои обии водии Данғара ва ғайр аз ин дар раванди омӯзиши фанҳои ихтисосҳои мелиоратсия, таҷдидсозӣ ва ҳифзи замин, заминсозӣ, геодезия ва геоинформатика истифода карда мешаванд.

Натиҷаҳои асосӣ ва муқаррароти кори илмии пешниҳодгардида дар конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва семинарҳои илмӣ-амалии ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур пешниҳод гардида, қобили дастгирӣ шудаанд.

3Мавзӯъ ва мазмуни кори диссертатсионии Парвизи Ҳотам аз рӯйи шаҳодатнома ба ихтисоси 6D081000- мелиоратсия, барқарорсозӣ ва ҳифзи заминҳо, инчунин ба талаботи Феҳрести ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвони илмӣ дода мешавад ва бо қарори раёсати Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№1/3, аз 27.04.с.2017) тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4 Натиҷаҳои илмии бадастомада, хулоса ва пешниҳодҳои кори диссертатсионӣ дар 8 мақолаҳои илмии муаллиф, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гаштаанд. Шумораи маводҳои чопӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба

банди 14 -и тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқат мекунад.

5 Ҳангоми таҳияи кори диссертатсионӣ оид ба истифодаи адабиёт ва дигар маводҳо бо нишондоди манбаи бадастомада риоя карда шудааст.

6. Кори диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои пайдарҳамӣ ва натиҷаҳои нави илмии ба талаботи ҳимоя ҷавобгуй мебошад, ки аз саҳми муаллифи кори диссертатсионӣ дар илм шаҳодат медиҳад.

Кори диссертатсионии Парвизи Ҳотам дар мавзӯи «Баҳодиҳии зарфияти агроландшафти заминҳои обёрии водии Данғара бо истифодаи технологияи системаи геоиттилоотӣ» новобаста аз хатогиҳои дар он мавҷудбудаи граматикӣ ва имлоӣ, ки ислоҳ кардани онҳо чандон мушкил нест ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад.

Диссертатсияро ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D081000 - мелиоратсия, барқарорсозӣ ва ҳифзи заминҳо пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссия муқарризони расмии зеринро тавсия менамояд:

1. Пулатов Яраш Эргашевич, доктори илмҳои кишоварзӣ, професор, мудири шӯъбаи технологияи инноватсионӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ-маърифатӣ ИМОГ ва Э АМИТ.

2. Аминов Шариф Разоқович, номзади илмҳои кишоварзӣ, мудири шӯъбаи ҳифзи хок ва эрозияи Институти хокшиносӣ ва агрохимияи АИКТ.

Диссертатсия барои тақризи беруна (муассиссаи пешбар) ба МД "ТоҷикНИИГиМ" (Институти илмӣ - тадқиқотии гидротехника ва мелиоратсия) - и Вазорати энегетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шавад.

Раиси комиссия:
Профессори кафедраи мелиоратсия,
таҷдидсозӣ ва ҳифзи замини ДАТ
ба номи Ш.Шоҳтемур, д.и.т. — И.И.Икромов

Аъзоёни комиссия:

Профессори кафедраи растани-
парварии ДАТ ба номи Ш.Шоҳ-
темур, д.и.к. — М.Н.Сардоров

Декани факултети Идораи замин
ва геодезияи ДАТ ба номи
Ш.Шоҳтемур, н.и.т., и.в. дотсент — М.М.Мирзоев

Личную подпись тов. Икромов, Сардоров, Мирзоев
Заверяю